*«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»*

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор

_____________ Шарифзода Ф.Х.

«22» ноябри соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзуи «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм**

Диссертатсияи номзадии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзуи «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мутобиқат менамояд.

Ҷустуҷӯ ва мавриди таҳқиқоту пажӯҳиш қарор додани хусусиятҳои бадеии осори мансури яке аз адибони барҷастаи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва ба ин васила сухан овардан аз сабку вижагиҳои хосси эҷодиёти ин адиб аз нигоҳи имрӯз дорои мубрамият ва аҳаммият буда, то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони риштаи адабиётшиносӣ дар ин замина таҳқиқоти ҷиддӣ рӯйи кор наомадааст. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович аз арзиши илмӣ бархурдор буда, таҳқиқоти муфид дар ин самт арзёбӣ мешавад.

Масоили дар ин таҳқиқ баррасишаванда, аз ҷумла, мақоми наср дар эҷодиёти Азизуддини Насафӣ, вижагиҳои сохториву шаклӣ ва жанрии осори мансури адиб, таъйини хусусиёти мундариҷавии онҳо, вежагиҳои сабкӣ ва воситаҳои баёну тасвироти бадеӣ то ба ҳол дар доираи як диссертатсияи комил мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Дар ин миён Азизуддини Насафӣ ҳамчун мутафаккир ва файласуфи ориф ҷойгоҳи махсуси худро дарёфтааст, ки бо офаридани осори арзишманд дар ҷаҳони андешаву афкори мардуми Эронзамин нақши муассир дорад.

Аз таҳқиқи диссертант, ки дар натиҷаи баррасиҳои вижа равшану возеҳ дида мешавад, Азизуддини Насафӣ аз ҷумлаи орифон ва нависандагони соҳибназари маъруфи асри сездаҳуми милодӣ маҳсуб шуда, бо таълифи осори гаронмояи ирфонӣ насри ирфонии адабиёти пурғановати форсии тоҷикиро рангин гардонидааст. Ба қалами ӯ дар асл беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ мегирад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуф ва аркони ирфон шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Аз назари дигар, ба ҳадди лозим шинохта нашудани Азизуддини Насафӣ дар фалсафаву ирфон ва ҳам адабиёти асримиёнагӣ тақозо мекунад, ки бештару пештар ба осори ӯ муроҷиат намуда, асолати фикрӣ, шеваи нигориш ва мақоми арҷмандаш дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсии тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар ин росто навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фароҳам овардани маводи пажӯҳишӣ, татбиқи амалии натиҷаҳо ва истифодаи онҳо дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ равшан мешаванд.

Бори аввал дар Тоҷикистон таҳия ва ба нашр омода намудани матни рисолаҳои Азизуддини Насафӣ, навиштани мақолаву маърузаҳои илмӣ ва ироаи онҳо дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок мегардад.

Дар баробари ин, нахустин маротиба ба риштаи таҳқиқ кашида шудани мундариҷа ва сабки таълифи осори насрии Азизуддини Насафӣ ва муқаррар намудани мақоми ӯ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик аз дидгоҳи масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро ба таври возеҳ дар таҳқиқи вижагиҳои насри тасаввуфии адабиёти мансури форсу тоҷик муқаррар менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои ба довталаб додани дараҷаи илмӣ асос маҳсуб мешаванд.** Объекти таҳқиқи диссертатсия рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ маҳсуб мешаванд, ки аз ҷумла «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Мақсад-ул-ақсо» ва чанде аз рисолаҳои дигари муаллиф дар ин росто мавриди таҳқиқи вижа қарор гирифтаанд. Предмети таҳқиқи диссерататсия вижагиҳои сабки таълифи рисолаҳои фалсафӣ ва ирфонии Азизуддини Насафӣ ва муқаррар намудани мақоми ин

шахсияти барҷастаи олами ирфон дар ташаккули насри фалсафӣ ва ирфонии адабиёти форсии тоҷикӣ (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика) ба шумор меравад. Мавзуи таҳқиқот «Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)» буда, дар он масъалаҳои марбут ба рӯзгору осор, мероси мансури адабиву ирфонӣ, вижагиҳои сабкиву мавзуии таълифоти насрии Азизуддини Насафӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар рисола нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик шинохти шахсияти маънавӣ ва эҷодии Азизуддини Насафӣ, маҷмуи осор ва вижагиҳои адабиву бадеии таълифоти ӯ, мақоми ӯ ҳамчун адиб дар рушду таҳаввули насри ирфонии адабиёти форсии тоҷикӣ аз рӯйи масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқу баррасии осори мансури фалсафӣ ва ирфонӣ, арзишҳои адабии онҳо яке аз масоили муҳимми адабиётшиносии кунунӣ, бавижа баҳси таҳқиқоти сарчашмашиносӣ ва поэтика маҳсуб мешавад. Зеро мақоми осори фалсафию ирфонии файласуфон ва мутафаккирони барҷастаи асримиёнагӣ барои муаррифии рушди мактабҳои фикрӣ ва фалсафӣ, ҷараёнҳои хоси ирфонии асрҳои миёна, ҷанбаҳои муҳимми адабии ин навъ асарҳо ва нақши онҳо дар ташаккули сабкшиносии насри классикии адабиёти форсу тоҷик аз аҳаммияти хос бархӯрдоранд.

Дар канори ин ки дар рисола Азизуддини Насафӣ ҳамчун яке аз нависандагони барҷастаи насри классикии адабиёти форсии тоҷикӣ, нависандаи соҳиби мероси мансури ирфонӣ ва фалсафӣ барои хонандагони тоҷик муаррифӣ мешавад, мақому ҷойгоҳи ӯ ҳамчун тарвиҷдиҳандаи насри ирфонӣ пас аз Абуалӣ ибни Сино таҳқиқ шудааст, ки то кунун ин баҳс дар рисолаҳои марбут ба таърихи адабиёти тоҷик ба миён гузошта нашуда буд, ба ҷуз аз мавориди алоҳида, ки зикраш қаблан рафт.

Диссертатсияи мазкур дар ҳаҷми 176 сафҳаи чопи компютерӣ танзим шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия дар бораи мубрамияти масъалаи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усули пажӯҳиш ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навоварии он, аҳаммияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои кор мулоҳизаронӣ кардааст.

**Боби якуми диссертатсия «Рӯзгор ва осори Азизуддини Насафӣ»** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар ҳар ду фасл бо такя ба манобеъ ва таҳқиқоти то ин дам анҷомёфта оид ба насри ирфонӣ дар мисоли осори насрии ирфонии Азизуддини Насафӣ дар адабиёти асримиёнагӣ муруре ба сайри таърихии иншои осори насрӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ сурат гирифтааст.

Фасли якуми боби якуми диссертатсия, ки **«Баррасии зиндагиномаи Азизуддини Насафӣ»** унвон дорад, доир ба шахсияти орифи бузурги асри XIII Азизуддини Насафӣ, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо силсилатаълифоти ирфонии хеш нақши муассир гузоштааст, таҳқиқот сурат гирифтааст.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия бо номи **«Тавсифи мухтасари мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафӣ»** муаллиф аввалан, роҷеъ ба таълифоти пурарзиши адиби ориф Азизуддини Насафӣ, аз ҷумла асарҳои «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил», «Китоб-ут-танзил», «Маърифати инсон», «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Баён-ут-танзил», «Мақсад-ул-ақсо», «Асрор-ул-қобилият», «Асрор-ул-ваҳӣ», «Сулуки мақомот», «Манозил-ус-соирин», «Усул ва фуруъ», «Асрор-ат-тасаввуф», «Хавос-ул-ҳуруф», «Асрор-ул-кобилия», «Лавҳи маҳфуз», «Олами сағир», «Ваҳдати вуҷуд» -ро таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина оид ба ташаккули насри ирфонии адабиёти асримиёнагии тоҷик мулоҳизаҳои муфиду судманди илмӣ баён дошта, ба ин натиҷа мерасад, ки «Ҳамин зарурат яъне ба таври кофӣ омӯхта нашудани мавзуъ, барои таваҷҷуҳ ба таҳқиқи насри ирфонӣ, яъне сабку услуби осори ирфонии Азизуддини Насафӣ шароит пеш меоварад ва баробари ин тақозо медорад, ки мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нависандаи соҳибназару соҳибмактаб таҳқиқ шуда, ҷойгоҳи ӯ дар густариши насри ирфонӣ муқаррар гардад».

**Боби дуюми диссертатсия, ки «Сарчашмашиносӣ, мундариҷа ва сохтори рисолаҳои Азизуддини Насафӣ»** унвон гирифтааст, аз се фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муаллиф ба таҳқиқи нусхашиносӣ дар асоси мероси ба нашр расидаи расоили ирфонии Насафӣ пардохтааст. Ҳамчунин, унвонҷӯ оид ба сохтору мундариҷа муҳтавои «Зубдат-ул-ҳақоиқ», «Кашф-ул-ҳақоиқ» ва «Мақсад-ул-ақсо» ном рисолаҳои Азизуддини Насафӣ пардохта, нуктаҳои арзишманди осори мазкурро баён намудааст.

Дар фасли аввали боби дуввуми диссертатсия, ки **«Нусхашиносӣ ва нашрҳои рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ»** унвонгузорӣ шудааст, дар мавриди осор ва расоили адиб, ки дар Эрону

Афғонистону Туркия ва дигар кишварҳои олам тарҷума ва нашр гардидаанд, мулоҳизаронӣ намуда, таъкид менамояд, ки ҳанӯз ҳам теъдоди зиёди осори адиб дар китобхонаҳои олам парешон буда, аз таҳқиқ дур мондаанд. Муаллифи диссертатсия дар заминаи ин пажуҳиш аз муҳимтарин нусхаҳои хаттии рисолаҳои адиб, ки дар китобхонаҳои гуногуни олам маҳфуз мебошанд, ёдрас гардида, зарурати тасҳеҳ ва нашри осори ӯро дар асоси меъёрҳои мавҷудаи матншиносӣ дар кишвари мо таъкид мекунад.

Фасли дувуми боби дуюми диссертатсия, ки **«Сарчашмашиносии осори Азизуддини Насафӣ ва сохтору мундариҷаи рисолаҳои «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ»** номгузорӣ шудааст, пеш аз ҳама дар хусуси заминаҳои таълифи осори ирфонии адиб, ки асосан аз мутолиаи мукаммали таълифоти адибони пешин сарчашма мегиранд, таҳқиқот сурат гирифта, аз орифони номвари ҳамасри ӯ ёдоварӣ гардидааст. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия аз устодон ва касби камол ва тарбияти руҳонии ӯ сухан ба миён овардааст ва таъкид намудааст, ки дар тарбияи ирфонии Азизуддини Насафӣ устодони зиёде саҳим мебошанд.

**Хулосаи** унвонҷӯ дар ин фасл чунин аст, ки Азизуддини Насафӣ дар густариши насри ирфонии адабиёти асримиёнагии тоҷику форс хидмати шоиста анҷом додааст.

Муаллиф **фасли сеюми боби дуюми** диссертатсияашро **«Максад-ул-аксо» ва сохтору мухтавои он"** номгузорӣ намуда, перомуни таҳқиқи ҳамаҷонибаи сохтор ва мухтавои асари мазкур андешаронӣ намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Сабки таълиф ва арзишҳои адабии рисолаҳои ирфонии Азизуддини Насафӣ»** унвон дорад ва аз се фасл: фасли аввал **«Шеваи нигориши насри сӯфиёна ва таҷассуми он дар осори Азизуддини Насафӣ»**, фасли дувум **«Вижагиҳои сабкии насри Азизуддини Насафӣ»** ва, ниҳоят, фасли сеюм **«Истифодаи ашъор, амсол ва ҳикоёти тамсилӣ дар осори Азизуддини Насафӣ»**. Фаслҳои зикр гардида фарогири масъалаҳои сабки таълиф ва арзишҳои адабии шеваи нигориши насри ирфонии адабиёти асримиёнагии тоҷик ва таҷассуми вежагиҳои он дар осори Азизуддини Насафӣ, махсусиятҳи сабки осор ва истифодаи тамсил ва ҳикоёт дар таълифоти адибро дар бар мегирад.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 19 банд иборат аст, муҳимтарин натиҷаҳои аз баррасиҳои ӯ ба даст омада, ҷамъбаст шудаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки бозандешии онҳо дар такомули мундариҷаи илмии диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Муттахид намудани фаслҳои якум ва дуюми боби дувуми диссертатсия муносибтар ба назар мерасад. Ҳарчанд масъалаи сарчашмашиносӣ ва нусхашиносии рисолаҳои Азизуддини Насафӣ ҳамчун ду фасли алоҳида дар боби мазкури диссертатсия мунқасим шудаанд, аммо дар дохили ҳамин фаслҳо диссертант мундариҷаи рисолаҳои баррасишавандаро низ ворид кардааст, ки гоҳе такрори матолибро ба миён овардаанд. Бояд мавзуву мундариҷаи рисолаҳои нависанда дар фасли ҷудогона баррасӣ карда мешуданд.

2. Аз мазмун ва мундариҷаи диссертатсия маълум мешавад, ки на ҳамаи рисолаҳои Азизуддини Насафӣ дар доираи баррасиҳои анҷомёфта ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Хуб мебуд, ки диссертант дар ҷараёни таҳқиқ роҷеъ ба мундариҷа ва сабки таълифи ҳамаи рисолаҳо ба таври мухтасар изҳори назар менамуд, чун ин таълифот бори аввал барои аҳли таҳқиқ дар илми адабиётшиносии мо муаррифӣ мешаванд.

3. Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои сабки суханварӣ дар фасли алоҳида шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ агар мавриди баррасии муҳаққиқ қарор мегирифт, арзиши илмии диссертатсия боз ҳам афзун мегардид.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ низ ба чашм мерасанд. Хосатан, дар мавриди иқтибосоти аз осори форсӣ баргардоншуда чунин иштибоҳот дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо арзиши таълифи мазкурро меафзояд.

Чунин эродҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович аз ҷумлаи таҳқиқоти судманде ба шумор меравад, ки дар он бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик осори мансури яке аз нависандагони ориф аз зовияи арзишҳои муҳимми адабӣ, сабки таълиф, нусхашиносӣ ва масъалаҳои поэтикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар дар мавзуи **“Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – **Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ”** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми

филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, нусхашиносӣ, матншиносӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ бо иштироки диссертант Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 10 нафар устодон иштирок дошта, 10 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "Тарафдор" – 10 нафар, "бетараф" – нест, "Муқобил"- нест. Протоколи № 10 аз 21.11.2023

**Раиси ҷаласа:**
доктори илми филология,
мудири шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Юсуфов У.А.

**Эксперт:**
номзади илми филология,
ходими пешбари илмии
шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Ш. М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология,
ходими калони илмии
шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Давлатова Х. М.

**Имзоҳои** Юсуфов У.А., Муҳаммадиев Ш. М.
ва Давлатова Х. М. –ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: **rudaki@gmail. com**
Сомонаи расмӣ: www.iza.tarena.tj
"21" ноябри соли 2023.